*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14.*

# *ТАҚРИЗ*

**ба автореферати Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон зарурати таҳлили амиқро дар робита ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои агросаноатӣ, ба миён меорад. Корҳои олимони мо дар соҳаи ҳамгироии агросаноатӣ ва рушди комплекси агроозуқаворӣ арзишманданд. Аммо, дар мавриди истифодаи пурраи имкониятҳои табиӣ барои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо, мушкилоти ҳалношуда зиёданд. Ин мушкилот ба истифодаи номуносиби захираҳои заминӣ, моддӣ ва меҳнатӣ, мушкилоти эрозияи замин, фарсудашавии таҷҳизот, норасоӣ ва гаронии нархи маводи гардон ва камбуди сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ марбутанд. Ин масъалаҳо ба ҳосилнокӣ, маҳсулнокии кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣии аҳолӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, таҳияи роҳҳои самарабахши истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақа ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ дар ин самт, ки ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ доранд, аҳамияти калон дорад.

Муаллифи автореферат ба маврид қайд мекунад, ки «иқтидори захиравӣ-табиӣ» яке аз унсурҳои калидии рушди иқтисоди минтақа ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад. Ин масъала бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии рушди кишоварзӣ, ҳамчунин сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ арзёбӣ мешавад.

Ба андешаи муаллиф, дар ҷумҳурӣ зарур аст низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташкилӣ-иқтисодии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо таҳия гардад. Ҳамзамон, рушди босуръати бозори озуқаворӣ, фароҳам овардани шароити хуб барои таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти босифати озуқаворӣ ва маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, инчунин беҳтар шудани вазъи зиндагии мардум аҳаммияти калон дорад. Муаллиф таъкид мекунад, ки истифодаи фишангҳое, ки ба муҳити зист ва

саломатии инсон таъсир мерасонанд, бояд ба ҳадафи таъмин намудани мардум бо маҳсулоти ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва озуқаворӣи безарар хизмат кунад. Ин фишангҳо, агар ба таври ҳамоҳанг истифода шаванд, метавонанд ба рушди бозори озуқаворӣ ва ташаккули вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақа таъсири мусбат расонанд.

Ба назари мо, дар автореферат вазъи истифодаи замин дар минтақаҳои вилояти Хатлон ва ҳолати бозори дохилии маҳсулоти озуқаворӣ ба қадри кофӣ таҳлил шуда, сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ низ хуб арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон, ба сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ низ баҳои зарурӣ додаанд.

Муаллиф ба дурустӣ таъкид мекунад, ки дар шароите, ки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ кам ва маҳдуданду аҳолӣ бо суръати баланд меафзояд, истифодаи самараноки минтақаҳои наздикуҳӣ ва кӯҳӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, ба кор гирифтани чунин заминҳо барои истеҳсоли ҳарчи бештари маҳсулоти озуқаворӣ ба маврид аст.

Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки қисми зиёди маҳсулоти озуқаворӣ ба талабот ва меъёрҳои физиологӣ пурра ҷавобгӯ нест. Аз ҳамин сабаб, зарур аст истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ ба таври интенсивӣ рушд дода шавад ва технологияҳои дурусти парвариш ҷорӣ гарданд, то сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ дар минтақа ба ҳолати мӯътадил баргардад. Зеро ин яке аз омилҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа ба шумор меравад.

Дар автореферат аҳамияти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, инчунин механизмҳо ва усулҳои нави танзими давлатии самаранок истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа муайян шудааст. Ин равиш ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, танзими бозори озуқаворӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва беҳтар кардани вазъи экологӣ равона гардидааст.

Муаллиф масъалаи асоснок кардани дурнамои баҳогузории самаранокии заминҳои кишоварзиро ҳамчун омили захиравии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисодиёти минтақа ба миён гузоштааст, ки қобили дастгирист. Муаллиф модели коррелятсионӣ-регрессивиро таҳия намуда, вобастагии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва маҷмӯи маҳсулоти кишоварзиро дар минтақа аз рӯйи омилҳои гуногун ва нишондиҳандаҳои асосӣ арзёбӣ кардааст, ки хеле ба маврид мебошад.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллиф имкон медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-

табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳо мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гиранд. Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати кор камбудиҳои муайян низ дида мешаванд. Баррасии инҳо барои самаранокии таҳқиқоти ояндаи муаллиф муҳим аст:

- муайян менамуд, ки кадом омили асосии баландбардории самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мадҳи аввал дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба роҳ монда шаванд.
- муаллиф мебоист ба чунин масъалаҳои назариявӣ ва методӣ, монанди бехатарии озуқаворӣ, танзими бозори озуқа – дар асоси алоқаи мантиқии байни танзими давлатии истеҳсол ва тақсимоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ ва худтанзимкунӣ бештар диққат медод.

Вале бояд гуфт, ки ин камбудиҳо характери хосе дошта, арзиши умумӣ ва умқи моҳияти рисоларо паст намекунад ва автореферати Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтакаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгуй мебошад ва муллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории
ДИС ДДТТ ш. Хуҷанд Абдуқодирӣ Х.А.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, маҳ. 13, хон. 35, хуҷ. 12.
Телефон: (+992) 92 974-00-93
e-mail.: Khon11974@mail.ru

Имзои Абдуқодирӣ Х.А.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДИС ДДТТ ш. Хуҷанд Маҳмудзода Ш.У.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, кӯчаи И. Сомони 169.
Телефон: (3422) 6 – 03-21
e-mail.: info@iet.tj

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»
Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус